Тақризи

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Наимова Фарзона Меҳрубоновна дар мавзуи "Масъалаҳои адабиётшиносӣ дар мукотиботи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик: равобити адабӣ

Нома ва номанигорӣ ҳамчун навъе аз адабиёти бадеӣ таърихи беш аз ҳазорсола дошта, дар ҳар давру замон дар эҷодиёти адибони бузург аҳамияти хоса пайдо менамояд. Баъди фавти адиби даҳои рус Л.Н. Толстой (7 ноябри соли 1910) аз манзили шахсии ӯ қариб 50 ҳазор мактуб ёфт шудааст. Ин мактубҳо 30 ҷилдро ташкил дода, ба мунтахаботи 90 ҷилдаи осори ӯ шомил гардиданд. Ба қавли устод Айнӣ, дар гузашта "муҳимтарин асари насрӣ мактубот ва иншоот буд. Насрнависи хуб он вақт башумор мерафт, ки мактубро хуб нависад" (Табаров С. "Ғуломон"-и С. Айнӣ ҳамчун романи таърихӣ.- Душанбе "Адиб". 2005.-240 с.-С. 77)

Устод Айнӣ яке аз поягузорони навъи нома дар замони муосир буда, дар ин ҷода асосан аз соданависӣ кор гирифтааст. Ба андешаи муҳаққиқ Н. Аслонова, номанигорӣ дар эҷодиёти С. Айнӣ дар даҳсолаи аввали асри XX, ҳангоми дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил намудан ва бо қозӣ Шарифҷон-Махдуми Садри Зиё ҳамкорӣ доштан арзи вуҷуд кардааст ва худи устод иқрор шудааст, ки мактубҳояш ба дасти Садри Зиё бисёр расидааст.

Воқеан, дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик камтар адибонеро метавон пайдо кард, ки мисли устодон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ ҳам аз нигоҳи маънавию равонӣ ва ҳам аз лиҳози коргоҳи эҷодӣ хеле қарин бошанд. Ин ду бузургмарди фарҳангу адабиёти навини тоҷикӣ аз нахустин лаҳзаҳои бо ҳамдигар ошнӣ пайдо кардан баҳри равнақу ривоҷи адабиёти тоҷик камар бастанд. Ошноию ҳамкории онҳо тадриҷан ба дӯстӣ ва наздикие табдил ёфт, ки ҳар яки онҳо дар тақдири шахсию эҷодии ҳамдигар нақши неку муассир гузоштаанд. Аз мукотиботи пайвастае, ки тӯли солҳои

дароз онҳо бо ҳам доштанд, маълум мегардад, ки ҳам устод Айнӣ ва ҳам А. Лоҳутӣ мисли ду бародари ҳамқисмату ҳамхун дар сари ҳар масъала вай хоҳ масоили иҷтимоӣ бошад, ва хоҳ масоилу адабию эҷодӣ ба ҳамдигар мурочиат намуда, дар ҳалли мушкилот аз таҷрибаю дониш ва хираду заковати бузурги якдигар истифода мекарданд.

Масъалаи ҳамкорӣ ва робитаю алоқаҳои эҷодии ин суханварони бузург то ин дам аз тарафи муҳаккиқони тоҷик Р. Ҳошим, М. Шакурӣ, Х. Отахонова, К. Айнӣ, Ш. Раҳмонов ва дигарон то андозае мавриди баррасӣ қарор гирифта буд. Бояд гуфт, ки ин дӯстӣ ва ҳамкории эҷодӣ аз саҳифаҳои бисёр дурахшони қаробати коргоҳи эҷодии адиботи тоҷик ба ҳисоб меравад. Аз ин нигоҳ мавзуи мазкур таҳқиқу баррасиҳои комилтару аниқтареро тақозо дорад.

Диссертатсияи илмии унвонҷӯ Наимова Фарзона «Масъалаҳои адабиётшиносӣ дар мукотиботи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст, аз муқаддима, се боб, 15 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Муаллиф дар муқаддима ҳамзамон бо таъкид ба аҳамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, максад ва вазифаҳо, сарчашмаҳо, объект, предмет, навгонӣ, арзиши назарӣ ва амалӣ асосҳои назарӣ ва методологӣ, коркард ва натиҷаҳои таҳқиқро баршумурдааст. Дар ҳақиқат дар фаъолияти бисёрсоҳаи устодон С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ нома ва номанигорӣ ҷойгоҳи хосса дорад ва то кунун аҳли илму адаб ба ин ҷанбаи фаъолияти эҷодии эшон чун намунаи ибрат нигариста, дар ин замина мушоҳидаву хулосаҳои ҷолибе низ баён кардаанд ва аз ҳама муҳимаш, аксари номаҳои ин ду устоди бузурги сухани адабиёти давраи нави тоҷик таҳия ва ду маротиба дар шакли китоб мунташир шудаанд. Унвонҷӯ Фарзона Наимова дар адабиётшиносии муосири тоҷик аввалин нафарест, ки кӯшиш намудааст, ки ба таври хос танҳо масъалаҳои марбут ба илми адабиётшиносиро дар номаҳои устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ бо такя ба дастовардҳои навини назарию амалии шинохт ва таҳлили фарогири

жанри нома дар адабиёти муосир ба таври монографӣ ба риштаи таҳқиқ бикашад.

Боби якуми диссертатсия «Равобити дӯстӣ ва эҷодии С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ» аз шаш фасл иборат буда, барҳақ таъкид мешавад, ки муносибат ва ё равобити дӯстиву эҷодии адибон дар марҳилаҳои гуногуни адабиёт омӯзанда буда, бисёр масъалаҳои адабию фарҳангии миллатро бозгӯ менамоянд. Мукотибаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ, бидуни тардид, дар худ сарнавишти миллати тоҷикро ҷой дода, аҳамияти бузурги таърихӣ, илмӣ, эҷодӣ, фарҳангӣ ва амалиро доро буда, номаҳо муҳимтарин лаҳзаҳои фаъолияти эҷодии ин суханварони забардаст бо санаду далелҳои қотеъ баён гардида, бисёр масъалаҳои таърихи адабиёти нави тоҷик, бахусус шеъри нави тоҷикиро равшан месозанд. Мактубҳое, ки миёни устодон С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ сурат гирифтаанд, аз ҳаёти маишӣ ва моддии оилавии онҳо ҳам баҳс менамоянд. Ин ҷиҳат ба он хотир ҷолиб аст, ки «ҳаёти шахсии одамони бузург аз ҳаёти ҷамъиятиашон ҷудонашаванда буда, он ҳам аҳамияти таърихӣ, адабӣ ва тарбиявӣ дорад» (Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ. Нашри дувум бо такмил ва иловаҳо (Ба чоп тайёркунанда ва муаллифи тавзеҳот: Х. Отахонова). – Душанбе: Деваштич, 2003. – 140 с.-С. 3).

Муаллифи диссертатсия Ф. Наимова дар боби дуюми рисола «Афкори адабию эстетикии С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ» -ро мавриди баррасӣ қарор дода, таъкид мекунад, ки афкори адабию эстетикии ин устоди сухан ҷанбаи қавии назариявиро доро мебошанд.

Боби сеюми рисола доир ба «Масъалаҳои забони тоҷикӣ дар мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ» сухан аз боби се нома (7 октябри соли 1937, 21 июли 1946 ва номаи сеюм тахминан дар байни солҳои 1937-1940) сухан меравад, ки аз ҷониби устод Айнӣ ба унвони А. Лоҳутӣ ирсол шуда, дар онҳо доир ба масъалаҳои забон ибрози назар менамояд.

Дар қисмати «Хулоса»-и рисола муҳаққиқ натиҷаи пажӯҳиши хешро ҷамъбаст намуда, ёдрас мешавад, ки устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ аз жанри

нома чун воситаи муҳими баёни афкори илмиву адабӣ ва ҷамъиятӣ истифода бурда, дар доираи имкониятҳои он тавонистаанд, ки кулли масъалаҳои мавриди назари худро ба миён гузошта, баҳри ҳалли онҳо роҳҳои мусоиду созандаро пешниҳод созанд.

Диссертатсияи Наимова Фарзона Меҳрубоновна дар асоси меъёрҳои пажӯҳиши илмӣ таълиф гардида, дар он услуби илмии таҳия ва корбурди иқтибосҳо риоя гардидааст. Пешниҳоду боби фаслҳо, хулоса ва рӯйхати китобнома ба талаботи стандартҳои КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасад, ки ислоҳи он ба салоҳи кор аст:

1. Дар бахши савуми диссертатсия (3.1. «Ақидаҳои С. Айнӣ доир ба забони асари бадеӣ ва хусусиятҳои он») «Боби III. Масъалаҳои забони тоҷикӣ дар мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ» сухан дар бораи забони шеър бештар меравад, на асари бадеӣ (с. 122-128)

2. Дар диссертатсия зикри донишмандон, аз ҷумла Е.Э. Бертелс (Яке аз шахсиятҳои машҳур, донишманди бузург, шарқшиноси маъруфи ҷаҳонии рус, ки шуҳрати намоён дошт, Е.Э. Бертелс) мутантан оварда шудааст, ки дар кори илмӣ қобили қабул нест (с. 63 ва ғ).

Дар маҷмуъ камбудиҳои дар фавқ номбурда арзиши диссертатсияро кам намекунанд, чунки пажӯҳиши мазкур барои адабиёти тоҷик муҳим мебошад.

Автореферат бо забониҳои тоҷикӣ ва русӣ ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия мувофиқ менамояд.

Диссертатсияи илмии Наимова Фарзона Мехрубоновна дар мавзуи “Масъалаҳои адабиётшиносӣ дар мукотиботи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ” таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01– Адабиёти тоҷик: равобити адабӣ мебошад.

Номзади илмми филология, ходими
Пешбари Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ **Ҳошимова Х.**
«10» 01 соли 2023

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шшаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 22
Тел: (+992)93-401-30-33
E-mail hurshedah@mail.ru

Имзои Ҳошимова Х.-ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти **Назриқулова Ҳ.**
Забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИМТ
«10» 01 соли 2023

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 22
Тел: (+992) 227-29-07
E-mail: iza.rudaki@gmail.com